ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

АКАДЕМИЯИ
ВКД

*ШӮЪБАИ ТАШКИЛӢ – ИЛМӢ*
*ВА ТАЪБУ НАШР*

**734024, ш. Душанбе, кӯчаи Восеъ, 123**

РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН

АКАДЕМИЯ
МВД

*ОРГАНИЗАЦИОННО – НАУЧНЫЙ*
*И РЕДАКЦИОННО – ИЗДАТЕЛЬ-*
*СКИЙ* ОТДЕЛ

**734024, г. Душанбе, ул, Восе, 123**

**тел: 21-73-71, 21-72-71, 27-08-94.**

______№ ____________аз______________ 2002 г.

# ҲИСОБОТ

## оид ба фаъолияти илмӣ-тадқиқотии Академияи ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикиситон барои соли 2002.

Фаъолияти илмӣ-тадқиқотии (ФИТ) Академияи ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2002 мувофиқи санадҳои меъёрии давлатӣ ва идоравӣ: ки кори илмиро дар муассисаҳои олии таълимӣ ба танзим медароранд: ба анҷом расонида шудааст. Ташкил: гузаронидан ва ба ҳисобгирии натиҷаҳои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар Академия мувофиқи Устави Академия ва Нақшаи фаъолияти илмӣ-тадқиқотии Академия дар соли 2002 муайян карда шуда буданд.

Корҳои илмӣ-тадқиқотии муаллимон ва курсантон аз ҷониби Шӯъбаи илм ва табъу нашр ташкил ва ҳамовоз карда мешавад. Банақшагирӣ: баҳисобгирӣ ва назорати корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар нақшаҳои кафедраҳо ва нақшаҳои инфиродии ҳайати профессорону-муаллимон инъикос ёфта дар Шӯъбаи илм ҷамъбаст карда мешавад.

Натиҷаҳо ва самтҳои фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ доимо дар маҷлисҳои кафедра: маҷлисҳои якҷояи Шӯъбаи илм ва кафедраҳо: маҷлисҳои таъҷилӣ дар назди сардори Академия ва Шӯрои илмии Академия дида баромада мешаванд.

Кори илмӣ-тадқиқотии Академия дар соли 2002 ба самти фаъолияти худ мувофиқ буда: мақсади коркарди лоиҳаҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъьрии ҳуқуқиро оиди мубориза бар зиддӣ ҷинояткорӣ ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо: такмил додани фаъолияти мақомоти корҳои дохила: таъминӣ тайёр намудани мутахассисони баландихтисос: инчунин кадрҳои илмӣ-педагогиро пешбинӣ мекунад. Мавзӯи тадқиқоти илмии Академия дар як проблемаи калони комплексӣ муттаҳид карда шудааст: ки самтҳои асосии тадқиқоти илмиро ташкил мекунад: «Системаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ: таърих: имрӯз: оянда». Бояд гуфт: ки ин равиш ба вазифаҳои дар назди Академия гузошташуда оиди тайёр намудани мутахассисон барои системаи ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад.

Актуалӣ будани мавзӯҳои коркардаистода бо заруриятҳои зерин мутобиқ гардонида шудаанд:

- тайёр намудани пешниҳодҳои қонунгузорӣ;
- ҷамъбаст ва таҳлил намудани амалияи мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ;
- коркарди пешниҳодҳо оиди самаранок гардонидани фаъолияти ҳифзи ҳуқуқӣ ва таълимӣ;
- тайёр намудани адабиьти таълимӣ бо назардоштӣ шароитҳои нави иҷтимоию иқтисодӣ ва криминогенӣ;
- пайдарҳам такмил додани қонунгузорӣ.

Тадқиқоти аз тарафи коллективи муаллифони Академия иҷрошудаистода барои коркардӣ чи проблемаҳои фундаменталӣ (тадқиқоти бунёдӣ) ва чи проблемаҳои амалии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтадбиқкунӣ: инчунин раванди таълимию тарбиявӣ равона карда шуда буданд.

***НАТИҶАҲОИ ИҶРОШАВИИ НАҚШАИ ФАЪОЛИЯТИ ИЛМӢ-ТАДҚИҚОТӢ ДАР СОЛИ 2002 ЧУНИНАНД.***

Нақшаи фаъолияти илмӣ-тадқиқотии Академияи ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 мавзӯъро пешбинӣ мекунад. Дар рафти иҷрои Нақша маводҳои зерин тайёр карда шудаанд:

1. **Китобҳои дарсӣ** (учебник) – 4-то:

Назарияи ҳуқуқ ва давлат. Душанбе. 2002. 532 с. (проф. Сотиволдиев Р.Ш. - кафедраи ташкили идоракунӣ - факултети рақами 1);

Экономическая теория. Душанбе. 2002. 514 с.(проф.Воҳидов У.– кафедраи фанҳои ҷамъиятӣ - факултети рақами 2).

Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. Қисми 1. Душанбе. 2002. 301 с. (дотсент. Холиқов А.Г - кафедраи ташкили идоракунӣ - факултети рақами 1);

Криминология. Қисми умумӣ. Душанбе. 2002. 134 с. (дотсент Бахриддинов С.Э. - кафедраи ташкили идоракунӣ - факултети рақами 1).

2.**Дастурҳои таълимӣ** (учебные пособия) - нест.

3. **Монография** - 2-то:

Социально-политическое значение национального примирения в Таджикистане. Душанбе. 2002. 178 с. (Сардори Академия: номзади илмҳои сиёсатшиносӣ - Саймудинов Ш.С.);

История формирования и деятельности милиции Таджикистана. Душанбе: Ирфон. 2002. (дотсент Розиқзода А.Ш. – кафедраи фанҳои ҷамъияти).

4. **Маҷмӯи корҳои илмӣ** (Сборник научных трудов) - 2-то

Таджикская милиция (дар зери таҳрияи Саймудинов Ш. Душанбе. 2002. 220 с.).

Труды Академии МВД. Выпуск 5. (бахшида ба 10-умин солгарди иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи

«Саҳми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар барқароршавӣ ва мустаҳкамшавии давлатдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». (дар зери таҳрияи Саймудинов Ш. Душанбе. 2002. 256 с.).

5.**Мақолаҳои илмӣ** - 76-то.

Аз он ҷумла: Саймудинов Ш – 4-то; Шарипов Т. - 9-то; Нодиров Ф. -7-то; Назаров Н.ч. –6-то; Холиқов А.Г. - 6-то; Розиқзода А.Ш. – 4-то; Ализода Б.П. – 4-то; Бахриддинов С.Э. – 4-то; Сотиволдиев Р.Ш. – 3-то; Солиев К.Ҳ. – 3-то; Буриев И.Б. – 3-то; .- Расулов Т.М.- 3-то; Абдулов А.М. – 2-то; Воҳидов У.- 2-то; Раҷабов Р.М. – 2-то; Сайфиддинов А.А..- 2-то; Саидолимов К.С- 2-то; ҷураев Р.З.- 2-то; Элназаров Д.Х. –2-то; Сайфуллоев Н.М.-1-то; Миров С.-1-то; Сафаров И.- 1-то; Асламов Б (дар ҳаммуаллифи бо Маҳмадов С.) - 1-то; Сайфуллоев И. (дар ҳаммуаллифӣ) .- 1-то; Хамидов И. (дар ҳаммуаллифӣ) – 1-то; Саидов З.А. (дар ҳаммуаллифӣ) - 1-то; Иномов М. –1-то; Нарзуллоев С.А. –1-то;

6. **Дастурҳои таълимӣ-методӣ** – 1-то:

Васоити санҷишӣ – тестӣ. Душанбе. 2002. 140 с. (дотсент Нодиров Ф. – кафедраи фанҳои ҳуқуқии гражданӣ).

7. **Албомҳои схемавӣ** – 1-то:

Криминология в схемах (для работников исправительных учреждений РТ). Душанбе. 2002. 23 с. (дотсент Бахриддинов С.Э. – кафедраи ташкили идоракунӣ - факултети рақами 1).

8. **Брошюра** – 2 -то:

Роль полка милиции ППС МВД в укреплении мира и согласия в Таджикистане. Душанбе. 2002. 120 с. (Саймудинов Ш., Назаров Н.Д.);

Формированные общественного сознания в процессе национального примирения в Таджикистане. Душанбе 2002. 34 с. (Саймудинов Ш.);

9. **Авторефератҳо -** 4-то:

Национальное примирение в Таджикистане и его современное значение. Автореферат на соискание ученой степени кандидата политических наук. Душанбе. 2002. 22 с. (Саймудинов Ш.);

Становление и развитие избирательного права в Таджикистане. Автореферат диссертақии на соискание ученой степени кандидата юридических наук. Москва. 2002. 18с. (Сайфиддинов А.А.);

История формирования и деятельности милиции Таджикистана. Автореферат диссертации на соискание ученой степени доктора исторических наук. Душанбе. 2002. 46 с. (Розикзода А.Ш.);

Образ человека в рассказах и притчах «Маснавии маънавӣ» Джалолиддина Румы. Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата филологических наук. Душанбе. 2003. 24 с. (Саидолимов К.С.).

10. **Курси лексияҳо** – 1-то:

Таърихи афкори сиёсию ҳуқуқӣ. Душанбе. 2002. 224 с. (Буриев И.Б. – кафедраи ташкилӣ идоракунӣ - факултети рақами 1).

11. **Лексияҳо** - нест.

12. **Конспекти лексияҳо** – 1 – то:

Криминология (конспект лекции для работников исправительных учреждений РТ). Душанбе. 2002. 28 с. (Бахриддинов С.Э. – кафедраи ташкилӣ идоракунӣ - факултети рақами 1).

13. **Рекомендатсияҳои методӣ** – нест.

14. **Пешниҳодҳо оиди такмил додани қонунгузорӣ: санадҳои меърии идоравӣ ва фаъолияти амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ** - 5-то:

Таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оиди ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Солиев К.Ҳ.: Шарипов Т.- кафедраи Ҳуқуқи ҷиноятӣ).

Замечания и предложения в проект постановления Пленума Верховного Суда Республики Таджикистан «О судебной практике по делам о преступлениях, связанных с наркотическими средствами, психотропными веществами и прекурсорами» (Солиев К.Х., Шарипов Т.- кафедраи Ҳуқуқи ҷиноятӣ).

Замечания и предложения в проект постановления Пленума Верховного Суда Республики Таджикистан «О практике применения судами законодательства о рецидиве преступлений» (Солиев К.Х., Шарипов Т.- кафедраи Ҳуқуқи ҷиноятӣ).

Замечания и предложения в проект постановления Пленума Верховного Суда Республики Таджикистан «О судебной практике рассмотрения дел о преступлениях несовершеннолетних» (Солиев К.Х., Шарипов Т.- кафедраи Ҳуқуқи ҷиноятӣ).

Разработка алгоритма по усовершенствованию системӣ «ПАСПОРТ» в ОВД. (Гафуров М.Х. – факультет № 1).

15. **Барномаҳои таълимӣ** - 1-то:

Юридическая психология. – Душанбе. 2002. –12 с. (дотсент Бахриддинов С.Э. кафедраи ташкили идоракунӣ- факултети рақами 1).

16. **Мақолаҳои илмӣ-публитсистӣ дар газетаву журналҳо** –36- то (Холиков А.Г. - 26 –то; Давлатшоева А. – 3-то; Розиқзода А.Ш. – 2-то; Саидолимов К.С. – 2-то; Раҷабов Р.М. – 2-то; Холиқов К.Н. – 1-то).

17. **Баромадҳои ҳарҳафтаина дар радиои** ҷумҳурӣ дар мавзӯи «Тоҷикон дар масири таърих» (Ализода Б.П. – 48 баромад).

Бояд қайд кард: ки натиҷаҳои илмӣ-тадқиқотии Академия дар соли ҷорӣ бо ин нишондодҳо хотима намеьбанд: чунки бисьр маводҳои илмию методӣ воқеан иҷро шудаанду лекин то ҳол аз чоп набаромадаанд.

Инчунин гуфтан лозим аст: ки дар соли 2002 аз ҷониби марҳум Абдуллоев Р.А. 2 китоби муҳим оиди ҷараьни таълимӣ омода карда шуда буд. Инҳо 1- то китоби дарсӣ (учебник) ба забони давлатӣ – «Этика ва эстетикаи касбии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва 1-то дастури

таълимӣ (учебное пособие) ба ду забон – тоҷикӣ ва русӣ – «Этикет и такт содрудников милиции Республики Таджикистан». Лекин онҳо бо сабабҳои обективӣ нашр нагардиданд. Хело хуб мешуд: ки оиди нашр кардани онҳо: ки барои ҷараёни таълим аҳамияти калон доранд: мо имконият пайдо мекардем.

Дар давраи сипаригашта дар Академия 9 - мавзӯъҳое тадқиқ шуда истодаанд: ки натиҷаҳои онҳо барои такмил додани фаъолияти ҳуқуқтадбиққунии мақомоти корҳои дохила равона карда шудаанд. Мисол:

а) Такмили асосҳои ташкилӣ ва тактикии фаъолиятӣ оперативӣ-ҷустуҷӯии мақомоти корҳои дохила (Ҳикматов Ш.Ҳ.- кафедраи ФФҶ);

б) Проблемаҳои актуалии такмили фаъолияти ҳуқуқтадбиққунии маъмурии мақомоти корҳои дохила ( Каримов А.М.- кафедраи ҲМ);

в) Такмили асосҳои ташкилӣ ва тактикии тафтишоти ҷиноятҳо аз ҷониби мақомоти тафтишоти пешакии системаи ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҲаитоваР. -кафедраи мурофиаи ҷиноятӣ ва криминалистика);

г) Қонунгузории нави гражданӣ ва тадбиқи он дар фаъолияти мақомоти корҳои дохила (Махкамов Ш.- кафедраи фанҳои ҳуқуқии-гражданӣ) ва ғайра.

Лекин бояд қайд кард: ки роҳбарони як қатор кафедраҳо то ҳол зарурият ва ҷиддӣ будани чунин тадқиқотро дар ин самт дарк накардаанд ва чорабиниҳои солонаро оиди ҷамъоварӣ намудани маводҳои дахлдор: мисли тайёр кардани обзорҳои таҳлилӣ: маълумотномаҳои аналитикӣ омода накардаанд: ки боиси ташвиш мебошад: ҳол он ки иҷрои чунин корҳо ба профили кории ин кафедраҳо мувофиқат мекунад. Боварӣ ҳаст: ки баъди ошкор шудани чунин камбудиҳои ҷиддӣ дар соли оянда коллективи ин кафедраҳо кори худро дар ин самт пурзӯр мекунанд. Чунки дар ин соли сипаригашта ягонтои ин кафедраҳо тадқиқотро оиди пешниҳод кардани такмили санадҳои ҳуқуқии-меъёрӣ: тайёр кардани маводҳои аналитикӣ: маҷмӯи ҳуҷҷатҳо: рекомендатсияҳои методӣ: ки барои такмили асосҳои ташкилию тактикии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ оиди кушодану тафтишот бурдани ҷиноят ва пешгирӣ намудани дигар ҳуқуқвайронкуниҳо равона шуда бошанд: омода накардаанд.

Оиди такмил додани раванди таълимию тарбиявӣ дар Академия дар 8-мавзӯъ тадқиқот рафта истодааст. Лекин афсус: ки дар ин самт ягон мавод ба таври расмӣ пурра омода карда нашудааст. Ба он нигоҳ накарда: ки шумораи зиёди онҳо дар намуди дастнавис тайёр шудаанд: лекин хулосаи комиссияи экспертии методиро нагирифтаанд. Ин низ боиси ташвиши ҷиддӣ мебошад: чунки чунин вазъият далели риоя накардани супоришҳои нақшагиро дорад: ки аз суст будани интизоми хизматӣ ва иҷроиявӣ шаҳодат медиҳад.

Олимони Академия оиди коркарди лоиҳаҳои қонунҳо дар ҳайати гурӯҳҳои корӣ: ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил шуда буданд: инчунин дар Шӯрои илмӣ-консултативииии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок карда истодаанд.

Мисол: Шарипов Т. ва Солиев К.Ҳ. дар ҳайати гурӯҳи корӣ: ки дар Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил шудааст: дар коркарди лоиҳаи «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди дохил намудани тағйироту иловагиҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»: инчунин дар Шӯрои илмӣ-консулта-тивии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок карда истодаанд. Солиев К.Ҳ. аъзои ду гурӯҳи кории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди имплементатсияи ҳуқуқи башари (гуманитарии) байналхалқӣ ва имплементатсияи Статути Римии Суди ҷиноятии байналхалқӣ ба қонунгузории Тоҷикистон мебошад. Профессор Сотиволдиев Р.Ш. аъзои Шӯрои махсусгардонидашудаи диссертатсионии Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон мебошад. Як қатор муаллимони Академия (Розиқзода А.Ш.: Сотиволдиев Р.Ш.: Холиқов К.Н.: Шарипов Т.) дар навиштани тақризҳо (отзив) ба диссертатсияҳою авторефератҳо иштирок кардаанд.

## Оиди иҷрои корҳои диссертатсионӣ

Дар самти татбиқи тадқиқоти диссертатсионӣ аз 15 мавзӯи ба нақша гирифташуда мувофиқи он 4 мавзӯъ иҷро шуд. Аз онҳо: 1- рисолаи докторӣ (Розиқзода): 3-то рисолаи номзадӣ: ки 2-тои он ҳимоя шуд (Саймудинов Ш: Сайфиддинов А.А.) ва 1-тои он дар арафаи ҳимоя аст (Саидолимов К.С.). Инчунин 1 рисолаи номзадӣ (Джураев Р.З.) тайёр карда шуда барои муҳокима ба кафедраи дахлдор супорида шудааст. Омодагии дигар рисолаҳои диссертатсионӣ мувофиқи Нақша дар солҳои оянда пешбинӣ шудаанд.

Инчунин бояд қайд кард: ки муаллими кафедраи фанҳои ҷамъиятӣ - Шоев Б. имтиҳонҳои минимумиро супорида мавзӯи рисолаи номзадии худро дар Донишгоҳи Тоҷикӣ-Славянӣ дар мавзӯи «Развитие препринимательства и проблемы экономической безопасности» тасдиқ намуд; муаллими кафедраи Ҳуқуқи ҷиноятӣ – Абдурашидов А. ба аспирантураи Донишгоҳи давлатии муосири Тоҷикиву-Русӣ (вилояти Суғд) ҳуҷҷатҳои худро супоридааст. Ҳамчунин: аз Сарраёсати кадрҳои ВКД-и Россия мактуб омад: ки барои ба сифати унвонҷӯй қабул намудани Назаров Н.Ҷ. оиди ҳимояи рисолаи докториаш дар мавзӯи «Организационно-правовые основы становления и развития ОВД Таджикистана (1917-2001 гг.)» иҷозат дода шудааст. Сардори Шӯъбаи молияи Академия - Расулов Т.М. қисми зиёди рисолаи худро дар мавзӯи «Корпоративное управление в отраслях народного хозяйства (сельского хозяйства) Республики Таджикистан» омода кардааст. Сардори Шӯъбаи таълим - Отабоева Л.О. имтиҳонҳои минимумиро супорида дар арафаи тасдиқи мавзӯи диссертатсионӣ мебошад.

Гуфтан ҷоиз аст: ки муассисаи таълимии мо инчунин ба сифати ташкилоти пешбурд оиди ҳимояи диссертатсияҳои илмӣ баромад мекунад.

## Оиди ҳамкорӣ бо қисматҳои амалӣ дар рафти гузаронидани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ.

Ҳамкории Академия бо намояндагони амалии мақомоти корҳои дохила ва дигар муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ-тадқиқотӣ дар самтҳои зерин инкишоф ёфтаанд.

а) гузаронидани тадқиқоти якҷояи илмӣ (Худоёрбеков Д.: Розикзода А.Ш.: Назаров Н.ч.. Гафуров М.Х.)

б) ташкил ва гузаронидани конференсияҳои илмӣ-амалӣ: лексияҳо: семинарҳо бо ҳайати кормандони пойгоҳи хизматии дидбонӣ (ППС): ҳайати шахсии РКД: РКД дар нақлиёт: Раёсати кадрҳои ВКД: Раёсати экспертӣ-криминалистӣ (Каримов А.М. - 2-то: Саидов З.А. - 2-то: Раҷабов Р.М. - 2-то: Сайфиддинов А.А. - 2-то: Хаитова Р. – 1-то);

в) таъмини моддӣ-техникии раванди таълим ва фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ (гузаронидани машщулияти тактикӣ (учение) дар базаи ОМОН ВКД – Аминов Х.Н. – 1-то);

г) таълим додан: тайёр намудан ва аз нав тайёр кардани мутахассисон (факултети 1 ва 3).

Тадқиқоти якҷояи илмии Академия бо қисматҳои амалии ВКД барои таъмин намудани эҳтиёҷоти амалия равона шуда бо такмил додани асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии фаъолияти онҳо алоқаманд аст. Мисол: бо якҷоягӣ бо ВКД дастури таълимӣ-методӣ оиди «Амалиёти МКД дар ҳолатҳои фавқулода» тайёр шуда истодааст (Худоербеков Д.); монографияҳо оиди таърихи фаъолияти милитсияи тоҷик омода шуда истодааст (Розиқзода А.Ш.: Назаров Н.Ҷ.).

Дар оянда хеле хуб мешуд: ки бо иштироки якҷояи олимони Академия ва ВКД лоиҳаҳои санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ оиди ин ё он самтҳои фаъолиятӣ қисматҳои системаи ВКД тайёр карда шаванд. Мисол: «Дар бораи баланд бардоштани самаранокии корҳои нозирони минтақавӣ»: «Дар бораи назорат аз болои амали гардонидани фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯи дар соҳаи таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд» ва ғайра. Инчунин пешниҳод карда мешавад: ки дар якҷоягӣ бо Маркази иттилоотии ВКД омӯзиши фикри ҷамъиятиро оиди ҳолати тартиботи ҳуқуқӣ ва самаранокии фаъолияти МКД гузаронида шавад.

Инчунин хеле хуб мешуд: ки дар оянда кафедраҳои Академия бо қисматҳои амалии ВКД: РКД шартномаю созишномаҳои дахлдорро дар ин самт банданд: ки ин чорабиниҳо шакли ба низом даровардашударо гирад.

## Сафарҳои илмӣ ва хизматӣ

Дар соли сипаригашта 17 кормандони Академия ба 26 сафарҳои илмӣ ва хизматӣ баромаданд. Ба нақшагирии сафарҳо дар Академия ба таври солона амалӣ карда шуда бо ВКД мувофиқа шудааст. Лекин ба таври пурра ба иҷро нашудани ин нақша нигоҳ накарда тибқи ин ҳуҷҷат ба

сафарҳои илмӣ ва хизматӣ (Москва: Тошкент: Ашхобод: США: Полша: Италия: Хуҷанд: Исфара: вилояти Хатлон ва щайра) 4 корманди Академия ва берун аз нақша – 13 нафар рафтанд.

Кормандони Академия: ки ба сафарҳои илмӣ равона шуда буданд: дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ: семинарҳо: курсҳои коромӯзӣ (10 нафар) иштирок намуданд; 1 нафар рисолаи номзадии худро дар Москва ҳимоя намуд (Сайфиддинов А.А.); 1 нафар ҷамъоварии маводҳои заруриро оиди тадқиқоти диссертатсионӣ дар ш. Москва ва вилояти Хатлон давом дод (Назаров Н.Ҷ.).

Муаллимон ва курсантон дар спартакиадаю мусобиқаҳои гуногуни ҷумҳуриявӣ - парондан аз яроқи ҷангӣ: гӯштингирӣ: варзиши сабук: футбол (зиёда аз 100 нафар) иштирок намуда соҳиби мукофотҳои гуногун шуданд: аз он ҷумла 2 медали тилло: 2 медали нуқра ва 2 медали биринҷӣ. Дар ш.Хоруғ дар чемпионати ҷумҳурӣ оиди гуштингирӣ 3 курсантони Академия ҷойҳои 2 ва 3 – ро ишғол намуданд; 2 нафари онҳо соҳиби унвони «Устоди варзиш»-ро гардиданд.

Оиди гузаштани курсҳои баланд бардоштани ихтисоси кормандони Академия афсус: ки вобаста ба вазъияти молиявӣ чорабиниҳои дахлдор андешида нашуданд ва онҳо соҳиби шиносномаҳои муқарраршуда нагаштанд. Танҳо ду нафар (Солиев К.Ҳ. ва Шарипов Т.) соҳиби сертификатҳои байналхалқӣ оиди курсҳои имплементатсияи меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гаштанд.

Бояд гуфт: ки аз ҳисоби кормандони ба сафари илмӣ баромадаҳо танҳо Гафуров М.Ҳ. (фак. 1) ва Назаров Н.Ҷ. нақша-супоришро (план-задание) оиди чунин сафар тасдиқ карда: баъди бозгашт ҳисоботи худро оиди кори иҷрошуда ба Шӯъбаи илм пешкаш карданду халос. Пешниҳод карда мешавад: ки дар оянда ин талабот аз тарафи ҳар корманди Академия риоя карда шавад.

## Барпо намудани конференсияҳои илмӣ: семинарҳо

Дар соли сипаригашта дар Академия мувофиқи нақша 2 конференсияи ҷумҳуриявӣ ва академиявӣ: 4 - семинари илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалиявӣ: 1- викторина ташкил ва гузаронида шуд. Берун аз нақша дар факултети 1 (Гафуров М.Х.) дар моҳи апрел ва октябр 2 мизи мудаввар дар мавзӯъҳои «Фаъолияти амалии МКД» ва «Саҳми МКД дар мустаҳкамшавии тартиботи ҳуқуқӣ» барпо шуд. Аз ҷониби кафедраи Ҳуқуқи маъмурӣ (Каримов А.М.) 1 семинар дар факултети 3 ташкил карда шуд.

Ғайр аз ин ҳайати профессорону-муаллимони Академия (18 нафар) дар 3 симпозиуми байналхалқӣ: 20 конференсияҳои байналхалқию ҷумҳуриявӣ: 6 семинарҳои байналхалқию минтақавӣ ва ҷумҳуриявӣ: 1 мизи мудаввари ҷумҳуриявӣ иштирок карданд.

Лекин бояд қайд кард: ки 2 – нишондоди Нақшаи фаъолияти илмӣ-тадқиқоти (п.п. 4 ва 9: қисми 3-юми Нақша) иҷро нашуданд: инҳо барпо намудани семинари методӣ оиди такмил додани методикаи тайёрии ҷангии кормандони ШКД (Аминов Х.Н.- кафедраи омодагии ҳарбӣ ва ҷисмонӣ) ва мизи мудаввар оиди таъмин намудани ҳуқуқҳои ҳуқуқи инсон аз ҷониби ШКД (Раҷабов Р.М.- кафедраи назарияи ҳуқуқ ва давлат: ва Хаитова Р. - кафедраи мурофиаи ҷиноятӣ дар якҷоягӣ). Бояд гуфт: ки ин чорабиниҳо илова ба дигар чорабиниҳои соли оянда ба дӯши ин кафедраҳо вогузошта мешавад ва иҷрои он ба таври ҳатмӣ бояд таъмин карда шавад.

## Ҳамкории байналхалқӣ дар соҳаи фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ

Дар соҳаи ҳамкории байналхалқӣ соли сипаригашта барои Академияи ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон соли пурмаҳсул буд: ки асосан хусусияти ташкилӣ доштанд. Сардори Академия Саймудинов Ш дар Коллегияи Муштараки ВКД-ҳои Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон (Душанбе: август) бо маърӯза иштирок намуда дар асоси қарори ин Коллегия Протоколи якҷояро бо Академияи Идоравии ВКД-и Федератсияи Россия оиди равнақ додани ҳамкорӣ дар соҳаи тайёр ва аз нав тайёр намудани кадрҳои илмӣ-педагогӣ ба имзо расониданд.

Дар асоси ҳуҷҷатҳои ба имзо расида Академияи ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон нақшаи мушаххасро дар бораи ҳамкорӣ бо Академияи Идоравии ВКД-и Россия оиди тайёр намудани кадрҳо: табадули воситаҳои таълимию дастурӣ: тадбиқи фаъолияти якҷояи илмӣ-тадқиқотӣ тартиб дода ба ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи Идоравии ВКД-и Россия фиристод.

Ғайр аз ин дар самти иҷроиши п.5 қарори Коллегияи Муштарак аз Институти Умумироссиягии илмӣ-тадқиқотии ВКД-и Россия (моҳи ноябр) таклиф ба нақшаи чорабиниҳо оиди ташкил додани фаъолияти якҷояи илмӣ дар мавзӯи «Характеристикаи криминологии ҷиноятҳое: ки бо контробандаи наркотикҳо аз Тоҷикистон ба Россия алоқамананданд» ба сурощаи мо ворид гашт: ки мо онро дастгирӣ намуда розигии худро пешниҳод кардем. Инчунин бояд қайд кард: ки қарори Коллегияи Муштарак имсол 11 нафар курсантони Академияи мо (ҳамагӣ бошад бо ҳисоби фиристодагон аз тарафи ВКД – 14 нафар) барои хонишу таълим ба муассисаҳои таълимии системаи ВКД-и Россия (ш. Санкт-Петурбург: Волгоград ва Саратов) равона карда шуданд.

Тибқи Протоколи номбаршуда Сарраьсати кадрҳои ВКД-и Россия розигии худро барои ба сифати унвонҷӯй қабул намудани Назаров Н.Ҷ. оиди ҳимояи рисолаи доктoриаш дар мавзӯи «Организационно-правовые основы становления и развития ОВД Таджикистана (1917-2001 гг.)» пешкаш кард.

Моҳи июл бошад ба воситаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мактуби сардори Академияи ВКД-и Ҷумҳурии Белорус оиди созмон додани ҳамкорӣ дар соҳаҳои таълиму тарбия: фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ: баланд бардоштани ихтисос ба Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гашт: ки роҳбарият ба он мусбатона назар карда фикру мулоҳизаҳои худро равона кард. Умед дорем: ки ин ҳамкорӣ низ дар оянда равнақ меьбад.

Моҳи сентябр ҳайати расмии Академияи ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарии сардори Академия Саймудинов Ш. ва сардори факултети рақами 4 Юлчиев Ш.Х. бо супориши Вазири корҳои дохилй - генерал-полковник Шарипов Ҳ.Ҳ.: ба ш.Тошкенти Ҷумҳурии Узбекистон ба Академияи ВКД-и он сафари хизматӣ карда барои дар оянда густариш додани муносибатҳои дутарафа замина гузошт.

Моҳи октябр аз Академияи полиси Ҷумҳурии Украина таклиф омад: ки оиди созмон додани муносибатҳои дутарафа Академияи ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон кормандони худро фиристад. Лекин: афсӯс ки бо сабабҳои норасоии воситаҳои молиявӣ ин сафари хизматӣ оиди омӯзиши таҷриба амалӣ нагашт.

Бояд қайд кард: ки щайр аз ин ба Академияи мо аз муассисаҳои ҳархелаи давлатҳои хориҷа (Қазоқистон: Узбекистон: Украина) таклифҳои мушаххас оиди дастрас намудани маҷалаю китобҳои худ ворид шудаанд.

Дар доираи густариш додани ҳамкориҳои оянда моҳи июн Академияи моро ҳайати расмии сохторҳои кудратии давлатӣ Хитой ташриф карданд: ки мақсади шинос шудан бо тайёр кардани мутахассисони мақомоти корҳои дохилиро доштанд.

## Корҳои илмӣ-тадқиқотии курсантон

Бояд қайд кард: ки дар соли 2002 корҳои илмӣ-тадқиқотии курсантон ба таври формалӣ ба роҳ монда шуда нисбати ҷоннок кардани ин самт тадбирҳои зарури андешида нашудаанд. Чунин шаклҳои анъанавии корҳои илмӣ-тадқиқотии курсантон: ба мисли: фаъолияти кружокҳои илмӣ: навиштани корҳои илмӣ: озмуни кори хубтарини илмии курсантон: баромад кардан бо иттилооти илмӣ дар маҳфилҳои илмӣ: иштирок кардан дар конференсияю семинарҳои илмӣ ва илмӣ-амалӣ: вохӯрӣ бо олимони барҷаста ва кормандони амалӣ - дар ҳолати ғайриқаноатбахш мебошанд.

Конференсияҳои курсантон ва мизҳои мудаввари курсантон барпо намегардад. Вохӯриҳо бо олимони барҷастаи ҷумҳурӣ: кормандони амалӣ: ходимони ҷамъиятию сиёсӣ ташкил намегарданд. Боздиди музею театру виставкаҳо доир намегарданд. Дар конференсияҳои илмие: ки берун аз Академия гузаронида мешаванд: иштирок намекунанд. Аз ҷониби курсантон мақолаҳои илмӣ барои нашр кардан тайёр карда намешаванд. Курсантон барои ҷамъоварӣ кардани маводҳои таҷрибавию амалӣ дар

доираи тадбиқи нақшаҳои корҳои илмӣ-тадқиқотии кафедраҳо ҷалб карда намешаванд. Онҳо дар зери роҳбарии муаллимони кафедраҳо дар коркард ва тайёр кардани маводҳои таълимию методӣ иштирок намекунанд.

Гуфтан лозим аст: ки натиҷаҳои корҳои илмӣ-тадқиқотии курсантон аҳамияти калони амалӣ дошта барои баланд бардоштани малакаю маҳорати ояндаи касбӣ роли калон мебозанд. Бинобар ҷоннок намудани ин самти фаъолият зарур мешуморам: ки дар Нақшаи кори Шӯрои илмии Академия барои соли 2003 масъалаи ҳисоботи сардорони кафедраҳо оиди корҳои илмӣ-тадқиқотии курсантон дохил карда шуда шунида шавад ва ба онҳо ба таври ҷиддӣ баҳо дода шавад.

Ба ҳамаи ин камбудиҳо нигоҳ накарда дар Академия дар ин самт: ба таври стихиявӣ бошад ҳам: баъзе корҳо анҷом дода шудаанд. Масалан: аз ҷониби кафедраи мурофиаи ҷиноятӣ (Ҳаитова Р.) 1 вохӯрии курсантон бо кормандони амалия бо хондани лексия ташкил шудааст. (РЭК ВКД). Аз ҷониби онҳо: чи хеле ки дар боло қайд шуда буд: 1-викторинаи курсантон барпо гардид. Аз ҷониби ҳамин кафедра (Ҳаитова Р.) дар муддати хеле кӯтоҳ дастаи КВН ташкил карда омода шуд: ки дар мусобиқаи ҷумҳуриявӣ ҷои 2-юмро ишғол намуданд. (ноябр).

Бо ташвишу ғайратҳои кафедраи Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат (Раҷабов Р.М.) низ ба таври фаврӣ дастаи курсантон омода карда шуданд: ки дар Олимпиадаи ҷумҳуриявӣ оиди ҳуқуқи гуманитарии байналхалқӣ иштирок намуда ҷои 2-юмро соҳиб шуданд.

Ин чорабиниҳои амалигардида: агар чӣ «қатрае дар баҳр» бошад ҳам: лекин то андозае обрӯю эътибори Академияи моро дар миқьси дигар муассисаҳои олии таълимии ҷумҳурӣ баланд бардоштанд ва роҳбарони ин дастаҳо лоиқи аҳсан мебошанд. Ин комёбиҳо шаҳодати онанд: ки на ҳамаи захираҳои одамӣ  ба таври самаранок аз ҷониби кафедраҳо истифода бурда мешаванд. Умед ҳаст: ки баъди ба таври объективӣ баҳо додани ин самти кори сардорони кафедраҳо хулосаҳои зарурирo ҳосил мекунанд.

Ин аст натиҷаҳои фаъолияти илмӣ-тадқиқотии Академияи ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2002. Чи хеле ки маълум шуд: Академия ба дастоварду комёбиҳои хело муҳим ноил гашт. Пеш аз ҳама: ин ба кор ҷалб намудани зиёда аз 10 нафар профессорону номзадони соҳаи илми ҳуқуқшиносӣ мебошад: ки нуфузи Академияи ВКД-ро дар миқёси  муассисаҳои илмию таълимии ҷумҳурӣ хело баланд кард. Дар ин самт саҳми Сардори Академия генерал-майори милитсия Саймудинов Ш.С. хело калон мебошад. Инчунин: корҳои зиёди илмии ҳайати профессорону муаллимони Академия: ки барои инкишофи илми тоҷик ва баланд бардоштани самаранокии раванди таълим саҳми сазовор гузоштанд. Алалхусус дар ин самт фаъолияти чунин олимони Академия дар ин сол назаррас мебошад: Саймудинов Ш.С.: Солиев К.Ҳ.: Розикзода А.Ш.: Сотиволдиев Р.Ш.: Ализода Б.: Холиқов А.Г.: Бахриддинов С.: Гафуров М.Х.: Наза-

ров Н.Д.: Сайфиддинов А.А.: Нодиров Ф.: Шарипов Т. ва дигарон. Нисбати ин олимон аз ҷониби Шӯъбаи илм дархости дахлдор оиди мукофонидани онҳо омода карда шудааст. Як қатор дигар олимони Академия низ дар самти фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ саҳми арзандаи худро гузошта истодаанд ва ба натиҷаҳои муайян ноил гаштаанд. Инҳо Холиқов К. Н.: ки монографияи худро омода карда истодааст: Абдулов А.М.: ки дастнависи дастури таълимиро ба итмом расонидааст: Вохидов У.В.: ки ба дӯши худ роҳбарии илмиро оиди 2 диссертатсияи номзадии кормандони Академия гирифтааст: Раҷабов Р.М.: ки дар арафаи интихоби диссертатсияи докторӣ мебошад: ва дигарон. Бояд қайд кард: ки онҳо барои ба даст овардани натиҷаҳои боз ҳам хубтар қодир ҳастанд ва бовари ҳаст: ки дар солҳои оянда ба комьбиҳои баландтар ноил мегарданд. Инчунин мо дар оянда аз чунин олимон: ба мисли Сайфулоев Н.М.: Нарзуллоев С.: Искандаров З.: Иномов М. умеди калон дорем.

Дар баробари ин: ногуфта намонад: ки дар Академия як қатор олимони беамал: ки ягон натиҷаҳои тасдиқшаванда надоранд: низ вуҷуд доранд: ки ба доштани унвонҳои илмӣ нигоҳ накарда дар пешравии корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ҳиссаи худро намегузоранд ва мавқеи бетарафиро гирифта ягон маводи дахлдор тайёр накардаанд. Ин боиси ташвиш аст ва моро водор менамояд: ки нисбати онҳо хулосаи муайяне андешем. Ба қатори онҳо Якубов М.Х.: Сайёдов И.Д. ва дигарон дохил мешаванд.

Инчунин бояд гуфт: ки аз ҷониби роҳбарони факултетҳои 3 ва 4-уми Академия (Якубов М.Х.: ва Юлчиев Ш.Х.) оиди натиҷаҳои фаъолияти илмӣ-тадқиқотии қисматҳои худ ягон маълумот (ғайр аз кафедраи М ва ФМТ): яъне на ҳисобот ва на нақша ба Шӯъбаи илм ворид нашудааст: ки инро ғайр аз муносибати хунукназарӣ ва бепарвоӣ нисбати иҷроиши вазифаи худ дигар хел баҳо додан мушкил аст. Роҳбарони ин қисматҳо бояд аз ин хулосаи муайянро ҳосил намоянд.

Дар соли сипаригашта аз ҷониби Шӯъбаи илм якчанд маҷлисҳои якҷоя бо кафедраҳо барпо карда шуданд: ки барои рушту равнақ додани фаъолияти илмӣ-тадқиқотии онҳо равона карда шуда буданд. Қайд гардида буд: ки дар ин самт натиҷаҳои пасти онҳо боиси ташвиш буда: иҷроиши Нақшаи фаъолияти илмӣ-тадқиқотии Академияро мумкин аст халалдор созанд. Чи хеле ки дар боло қайд кардем: дар ҳақиқат комёбиҳои илмии Академия асосан аз ҳисоби нишондодҳои ғайринақшагӣ ба даст оварда шудаанд. Нишондодҳои пешбинишудаи Нақшаи фаъолияти илмӣ-тадқиқотии Академия: ғайр аз иҷроиши бандҳои «мақолаҳои илмӣ»: ҷомаи амал напӯшидаанд. Мисол: ҳатто ягонтаи барномаҳои таълимии ба нақша гирифта шуда ба таври расмӣ омода карда нашудаанд.

Вазъияти ташвишовар асосан дар кафедраҳои ФФҶ (Хикматов Ш.): ФҲГ (Маҳкамов Ш.): ФҲМ (Каримов А.): МҶ ва К (Ҳаитова Р.): М ва ФМТ (Нарзуллоев С.): ОҶ ва Ҷ (Аминов Х.) ва инчунин дар кафедраҳои факултети 4-ум мебошад: ки дар онҳо иҷроиши талаботи Нақша

ғайриқаноатбахшанд. Мисол: рафиқ Темиров М. (кафедраи ФФҶ) дар давоми якчанд сол аст: ки дастурҳои таълимӣ-методиро оиди ташкили кори агентурӣ ва намунаҳои ҳуҷҷатҳои оперативӣ кашол медиҳад ва ҳар сол ҳамон як хел дастнависҳои худро пешкаш мекунад. Ҳол он ки омода кардани ин дастурҳо барои раванди таълим аҳамияти калон дорад. Бинобар ин: чунин ҳаракатҳои рафиқ Темиров М.: ки барои гумроҳ кардани роҳбарият равона карда шудаанд лоиқи танбеҳ мебошад. Ногуфта намонад: ки ӯ мансаби муаллими калонро ишғол менамояд.

Ҳамин тавр: таъкид карда мешавад: ки роҳбарони кафедраҳо оиди ҷоннок намудани фаъолияти илмӣ-тадқиқотии Академия бахри иҷроиши Нақшаи он чораҳои заруриро андешанд: зеро ки чунин вазъият тоқатнопазир аст.

Чи хеле ки маълум аст: яке аз омилҳое: ки самаранокии натиҷаҳои фаъолияти касбиро густариш медиҳад - ин ҳавасмандкунонии ҳайати шахсӣ мебошад. Ба ин мақсад дар Академия комиссияи аттестатсионӣ бунёд шудааст: ки дар асоси баҳои объективӣ додан ба маҳорату малакаи касбии кормандон: аз он ҷумла ҳайати профессорону-муаллимон: масъалаи ба вазифаи ишғолкардаи худ мувофиқ будан ва пешрафти хизматии онҳоро баррасӣ менамояд. Лекин афсус, ки дар ҳолати муайян намудани коршоямии касбии муаллимон: дар ин ҳайати комиссия намояндаи Шӯъбаи илм дохил карда нашудааст. Ғайр аз ин қайд кардан даркор аст: ки мувофиқи қарори Шӯрои илмии Академия аз 08.01.02.: протоколи рақами 5 дар ҳолати муайян намудани коршоямӣ ё корношоямии касбӣ ва дар асоси он муайян намудани пешравии хизматии кормандон ҳатман фикру андешаи ҷонишини Сардори Академия оид ба илм бояд ба назар гирифта шавад.

Фаъолияти илмӣ-тадқиқотии Академияро барои соли 2002 ба назар гирифта бо мақсади баланд бардоштани натиҷаҳои он

## ПЕШНИҲОДҲОИ

зерин пешкаш карда мешавад:

1) Ҳайати профессорону муаллимоне: ки ба комёбиҳои илмию методӣ ноил гашта дар дархости мустақим номбар шудаанд: бо мукофотҳои моддӣ ҳавасманд ва сарфароз гардонида шаванд;

2) Роҳбарони факултетҳои 3 ва 4 (Якубов М.Х. ва Юлчиев Ш.Х.) кафедраҳои ФФҶ (Хикматов Ш.): ФҲГ (Маҳкамов Ш.): ФҲМ (Каримов А.): МҶ ва К (Ҳаитова Р.): М ва ФМТ (Нарзуллоев С.): ОҶ ва Ҷ (Аминов Х.) қатъи ё на огоҳ карда шаванд: ки дар сурати минбаъд беҳтар нашудани вазъияти иҷроиши Нақшаи фаъолияти илмӣ-тадқиқотии Академия нисбати онҳо чораҳои мушахасси шахсӣ андешида мешавад;

3) Ҷонишини Сардори Академия оид ба илм ба ҳайати комиссияи аттестатсионӣ дохил карда шуда нисбат ба муайян намудани муво-

фиқаи касбии ҳайати профессорону-муаллимони Академия ва ҳал наму-дани пешравии хизматии онҳо фикру андешаҳои ӯ ба назар гирифта ша-вад;

4) Ба кафедраҳо таклиф карда мешавад: ки оиди такмил додани фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ бо қисматҳои МКД шартномаҳои дутарафа-ро бо мақсади беҳтар намудани ин самт ва баланд бардоштани самара-нокии фаъолияти амалии МКД банданд;

5) Китоби дарсӣ ва дастури таълимии марҳум Абдулоев Р.А.: ки бевосита барои такмили дониши омӯзгорон равона карда шуда ба этика ва эстетикаи кормандони МКД бахшида шудааст: нашр карда шавад;

6) Кормандоне: ки ба самти фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ вобаста буда сафарҳои илмию хизматиро анҷом медиҳанд: бояд сари вақт нақша-супоришро тасдиқ намуда: ҳисоботи чунин сафарҳоро ба Шӯъбаи илм дастрас намоянд;

7) Мувофиқи Протоколи имзошудаи байни Академияи Идора-вии ВКД-и Россия ва Академияи ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳола-ти ҷой доштани имконият барои такмили ихтисос: тайёр намудани мута-хассисон ва коромӯзӣ кормандони Академия сафарбар карда шаванд;

8) Бо мақсади баланд бардоштани малакаю маҳорати ояндаи касбии курсантон самти фаъолияти маҳфилҳои илмии курсантон ҷоннок карда шавад ва дар нақшаи кори Шӯрои илмии Академия (барои соли 2003) масъалаи ҳисоботи сардорони кафедраҳо дар ин самт дохил карда шавад;

9) Дар оянда хуб мешуд: ки олимони Академия бо ҳамроҳии кормандони ВКД дар тайёр намудани лоиҳаҳои санадҳои меъёрию ҳуқуқии ин ё он самтҳои фаъолияти қисматҳои ВКД иштирок намоянд.

10) Аз тарафи сардорони кафедра ва Шӯъбаи кадр вохӯриҳо бо олимони барҷастаи ҷумҳурӣ: ходимони ҷамъиятию сиьсӣ ва кормандо-ни амалӣ ташкил карда шавад.

**ҷонишини Сардори Академия**
**оид ба илм: подполковники милитсия** **Солиев К.Ҳ.**

**17.12.02.**

# ҲИСОБОТ

**оид ба фаъолияти илмӣ-тадқиқотии Академияи ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикиситон барои соли 2003.**

Фаъолияти илмӣ-тадқиқотии Академияи ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2003 тибқи санадҳои меъёрии давлатӣ ва идоравӣ: ки кори илмиро дар муассисаҳои олии таълимӣ ба танзим медароранд: ба анҷом расонида шудааст. Ташкил: гузаронидан ва ба ҳисобгирии натиҷаҳои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар Академия мувофиқи Устави Академия ва Нақшаи фаъолияти илмӣ-тадқиқотии Академия дар соли 2003 муайян карда шуда буданд.

Корҳои илмӣ-тадқиқотии муаллимон ва курсантон аз ҷониби Шӯъбаи илм ва табъу нашр ташкил ва ҳамовоз карда мешавад. Банақшагирӣ: баҳисобгирӣ ва назорати корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар нақшаҳои кафедраҳо ва нақшаҳои инфиродии ҳайати профессорону-муаллимон инъикос ёфта дар Шӯъбаи илм ҷамъбаст карда мешавад.

Натиҷаҳо ва самтҳои фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ доимо дар маҷлисҳои кафедра: маҷлисҳои якҷояи Шӯъбаи илм ва кафедраҳо: маҷлисҳои таъҷилӣ дар назди сардори Академия ва Шӯрои илмии Академия дида баромада мешаванд.

Кори илмӣ-тадқиқотии Академия дар соли 2003 ба самти фаъолияти худ мувофиқ буда: мақсади коркарди лоиҳаҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъврии ҳуқуқиро оиди мубориза бар зиддӣ ҷинояткорӣ ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо: такмил додани фаъолияти мақомоти корҳои дохила: таъминӣ тайёр намудани мутахассисони баландихтисос: инчунин кадрҳои илмӣ-педагогиро пешбинӣ мекунад. Мавзӯи тадқиқоти илмии Академия дар як проблемаи калони комплексӣ муттаҳид карда шудааст: ки самтҳои асосии тадқиқоти илмиро ташкил мекунад: «Системаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ: таърих: имрӯз: оянда». Бояд гуфт: ки ин равиш ба вазифаҳои дар назди Академия гузошташуда оиди тайёр намудани мутахассисон барои системаи ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад.

Актуалӣ будани мавзӯҳои коркардаистода бо зарурриятҳои зерин мутобиқ гардонида шудаанд:

- тайёр намудани пешниҳодоти қонунгузорӣ;
- ҷамъбаст ва таҳлил намудани амалияи мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ;
- коркарди пешниҳодҳо оиди самаранок гардонидани фаъолияти ҳифзи ҳуқуқӣ ва таълимӣ;
- тайёр намудани адабиёти таълимӣ бо назардоштӣ шароитҳои нави иҷтимоию иқтисодӣ ва криминогенӣ;
- пайдарҳам такмил додани қонунгузорӣ.

Тадқиқоти аз тарафи коллективи муаллифони Академия иҷрошудаистода барои коркардӣ чи проблемаҳои фундаменталӣ ва чи про-

блемаҳои амалии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиққкунӣ: инчунин раванди таълимию тарбиявӣ равона карда шуда буданд.

***НАТИҶАҲОИ ИҶРОШАВИИ НАҚШАИ ФАЪОЛИЯТИ ИЛМӢ-ТАДҚИҚОТӢ ДАР СОЛИ 2003 ЧУНИНАНД.***

Нақшаи фаъолияти илмӣ-тадқиқотии Академияи ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 мавзӯъро пешбинӣ мекунад. Дар рафти иҷрои Нақша маводҳои зерин тайёр карда шудаанд:

**Китобҳои дарсӣ** –

**Монография** - 4-то:

1. Действие личного состава МВД РТ при проведении специальных операции. Душанбе. 2003. 258 с. (Шарипов Х.Х.).
2. Национального примирения в Таджикистане и его современное значение. Душанбе. 2003. 170 с. (Саймудинов Ш.С.-сардори Академия: номзади илмҳои сиёсатшиносӣ);
3. Служебный этикет и такт сотрудников ОВД РТ. Душанбе: "Ватанпарвар". 2003. (Абдуллоев Р.А.).
4. Рафтор ва одоби хизматии кормандони МКД-и ҶТ. Душанбе: "Ватанпарвар". 2003. (Абдуллоев Р.А.).

**Маҷмӯи корҳои илмӣ**

**Мақолаҳои илмӣ** - -то.

Аз он ҷумла: Солиев К.Х. 2-то; Розиқзода А.Ш. – 3-то; Саидолимов К.С- 1-то; Саидов З.А. -1-то;

**Дастурҳои таълимӣ-методӣ** – 3-то:

1.Масоили назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат. Душанбе. 2003. 220 с. (дотсент Буриев - кафедраи ташкили идоракунӣ - факултети №1).

2. Основы строевого обучения. Душанбе. 2003. 39 с. (Нозимов С.С. - Заместитель началник Академии по стр. сл.).

3. Учебно-методические материалы к изучению тем на ВАК-е. Душанбе. 2003. 34 с. (Гафуров М.Х.).

**Албомҳои схемавӣ** –
**Брошюра** –
**Авторефератҳо - 1**-то:

Образ человека в рассказах и притчах «Маснавии Маънавӣ» Джалолиддина Румы. Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата филологических наук. Душанбе. 2003. 24 с. (Саидолимов К.С.).

**Курси лексияҳо** –
**Рекомендатсияҳои методӣ** –
**Пешниҳодҳо оиди такмил додани қонунгузорӣ: санадҳои меъёрии идоравӣ ва фаъолияти амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ** - 5-то:

1. Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маълумоти касбӣ» (аз 10.04.03).

2. Предложения в проект постановления Пленума Верховного Суда Республики Таджикистан «О судебной практике при назн. Наказ. по совокуп. Преступл. и совокупн. приговоров" (Солиев К.Х., Шарипов Т.).

3. Предложения в проект постановления Пленума Верховного Суда Республики Таджикистан «О судебной прктике назн. Дополн. наказаний» (Солиев К.Х., Шарипов Т.).

Замечания и предложения в проект постановления Пленума Верховного Суда Республики Таджикистан «О судебной практике рассмотрения дел о преступлениях несовершеннолетних» (Солиев К.Х., Шарипов Т.- кафедраи Ҳуқуқи ҷиноятӣ).

4. Предложения в проект закона РТ "О социально-правовой защите лиц от насилия в семье" (Солиев К.Х., Шарипов Т., Раджабов Р.).

5. Предложения в проект закона РТ "О внес. Изм. И доп. В УК РТ. (Солиев К.Х., Шарипов Т.).

**Барномаҳои таълимӣ** - 1-то:

Юридическая психология. – Душанбе. 2002. –12 с. (дотсент Бахриддинов С.Э. кафедраи ташкили идоракунӣ- факултети рақами 1).

16. **Мақолаҳои илмӣ-публитсистӣ дар газетаву журналҳо** –36- то ( Холиков А.Г. - 26 –то; Давлатшоева А. – 3-то; Розиқзода А.Ш. – 2-то; Саидолимов К.С. – 2-то; Раҷабов Р.М. – 2-то; Холиқов К.Н. – 1-то).

17. **Баромадҳои ҳарҳафтаина дар радиои** ҷумҳурӣ дар мавзӯи «Тоҷикон дар масири таърих» (Ализода Б.П. – 48 баромад).

Бояд қайд кард: ки натиҷаҳои илмӣ-тадқиқотии Академия дар соли ҷорӣ бо ин нишондодҳо хотима намеьбанд: чунки бисёр маводҳои илмию методӣ воқеан иҷро шудаанду лекин то ҳол аз чоп набаромадаанд.

Инчунин гуфтан лозим аст: ки дар соли 2002 аз ҷониби марҳум Абдуллоев Р.А. 2 китоби муҳим оиди ҷараёни таълимӣ омода карда шуда буд. Инҳо 1- то китоби дарсӣ (учебник) ба забони давлатӣ – «Этика ва эстетикаи касбии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва 1-то дастури таълимӣ (учебное пособие) ба ду забон – тоҷикӣ ва русӣ – «Этикет и такт содрудников милиции Республики Таджикистан». Лекин онҳо бо сабабҳои обективӣ нашр нагардиданд. Хело хуб мешуд: ки оиди нашр кардани онҳо: ки барои ҷараёни таълим аҳамияти калон доранд: мо имконият пайдо мекардем.

Дар давраи сипаригашта дар Академия 9 - мавзӯъҳое тадқиқ шуда истодаанд: ки натиҷаҳои онҳо барои такмил додани фаъолияти ҳуқуқтадбиққунии мақомоти корҳои дохила равона карда шудаанд. Мисол:

а) Такмили асосҳои ташкилӣ ва тактикии фаъолиятӣ оперативӣ-ҷустуҷӯии мақомоти корҳои дохила (Ҳикматов Ш.Ҳ.- кафедраи ФФҶ);

б) Проблемаҳои актуалии такмили фаъолияти ҳуқуқтадбиққунии маъмурии мақомоти корҳои дохила ( Каримов А.М.- кафедраи ҲМ);

в) Такмили асосҳои ташкилӣ ва тактикии тафтишоти ҷиноятҳо аз ҷониби мақомоти тафтишоти пешакии системаи ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ҳаитова Р. -кафедраи мурофиаи ҷиноятӣ ва криминалистика);

г) Қонунгузории нави гражданӣ ва тадбиқи он дар фаъолияти мақомоти корҳои дохила (Махкамов Ш.- кафедраи фанҳои ҳуқуқии-гражданӣ) ва ғайра.

Лекин бояд қайд кард: ки роҳбарони як қатор кафедраҳо то ҳол зарурият ва ҷиддӣ будани чунин тадқиқотро дар ин самт дарк накардаанд ва чорабиниҳои солонаро оиди ҷамъоварӣ намудани маводҳои дахлдор: мисли тайёр кардани обзорҳои таҳлилӣ: маълумотномаҳои аналитикӣ омода накардаанд: ки боиси ташвиш мебошад: ҳол он ки иҷрои чунин корҳо ба профили кории ин кафедраҳо мувофиқат мекунад. Боварӣ ҳаст: ки баъди ошкор шудани чунин камбудиҳои ҷиддӣ дар соли оянда коллективи ин кафедраҳо кори худро дар ин самт пурзӯр мекунанд. Чунки дар ин соли сипаригашта ягонтои ин кафедраҳо тадқиқотро оиди пешниҳод кардани такмили санадҳои ҳуқуқии-меъёрӣ: тайёр кардани маводҳои аналитикӣ: маҷмӯи ҳуҷҷатҳо: рекомендатсияҳои методӣ: ки барои такмили асосҳои ташкилию тактикии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ оиди кушодану тафтишот бурдани ҷиноят ва пешгирӣ намудани дигар ҳуқуқвайронкуниҳо равона шуда бошанд: омода накардаанд.

Оиди такмил додани раванди таълимию тарбиявӣ дар Академия дар 8-мавзӯъ тадқиқот рафта истодааст. Лекин афсус: ки дар ин самт ягон мавод ба таври расмӣ пурра омода карда нашудааст. Ба он нигоҳ накарда: ки шумораи зиёди онҳо дар намуди дастнавис тайёр шудаанд: лекин хулосаи комиссияи экспертии методиро нагирифтаанд. Ин низ боиси ташвиши ҷиддӣ мебошад: чунки чунин вазъият далели риоя накардани супоришҳои нақшагиро дорад: ки аз суст будани интизоми хизматӣ ва иҷроиявӣ шаҳодат медиҳад.

Олимони Академия оиди коркарди лоиҳаҳои қонунҳо дар ҳайати гурӯҳҳои корӣ: ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил шуда буданд: инчунин дар Шӯрои илмӣ-консултативиии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок карда истодаанд. Мисол: Шарипов Т. ва Солиев К.Ҳ. дар ҳайати гурӯҳи корӣ: ки дар Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил шудааст: дар коркарди лоиҳаи «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди дохил намудани тағйироту иловагиҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»: инчунин дар Шӯрои илмӣ-консулта-тивии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок карда истодаанд. Солиев К.Ҳ. аъзои ду гурӯҳи кории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди имплементатсияи ҳуқуқи башари (гуманитарии) байналхалқӣ ва имплементатсияи Статути Римии Суди ҷиноятии байналхалқӣ ба қонунгузории Тоҷикистон мебошад. Профессор Сотиволдиев Р.Ш. аъзои Шӯрои махсусгардонидашудаи диссертатсионии Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон мебошад. Як қатор муаллимони Академия (Розиқзода А.Ш.: Сотиволдиев Р.Ш.: Хо-

лиқов К.Н.: Шарипов Т.) дар навиштани тақризҳо (отзыв) ба диссертатсияҳою автореферратҳо иштирок кардаанд.

## Оиди иҷрои корҳои диссертатсионӣ

Дар самти татбиқи тадқиқоти диссертатсионӣ аз 15 мавзӯи ба нақша гирифташуда мувофиқи он 4 мавзӯъ иҷро шуд. Аз онҳо: 1- рисолаи докторӣ (Розиқзода): 3-то рисолаи номзадӣ: ки 2-тои он ҳимоя шуд (Саймудинов Ш: Сайфиддинов А.А.) ва 1-тои он дар арафаи ҳимоя аст (Саидолимов К.С.). Инчунин 1 рисолаи номзадӣ (Джураев Р.З.) тайёр карда шуда барои муҳокима ба кафедраи дахлдор супорида шудааст. Омодагии дигар рисолаҳои диссертатсионӣ мувофиқи Нақша дар солҳои оянда пешбинӣ шудаанд.

